«Тасдиқ карда шудааст»
бо Фармоиши Раиси
Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
«18» октябри соли 2012 № 3-Ф

# «Тартиби гузаронидани муоинаи хронометражӣ»

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Тартиби мазкур тибқи муқаррароти банди 7 қисми 3 моддаи 22 ва моддаи 40 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиби гузаронидани муоинаи хронометражиро муайян менамояд.

2. Муоинаи хронометражӣ мутобиқи амрномаи роҳбари аввал (муовини роҳбар)-и мақомоти андоз гузаронида мешавад.

3. Муоинаи хронометражӣ метавонад дар:

а) рафти санҷиши ҳуҷҷатии андоз;

б) асоси аризаи андозсупоранда;

в) рафти азназаргузаронии профилактикӣ;

г) ҳолати таҳти баҳс қарор доштани ин ё он масъалаҳои вобаста ба андозбандӣ;

д) дигар ҳолатҳо гузаронида мешавад;

4. Муоинаи хронометражӣ-шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромад ва хароҷоти воқеии андозсупоранда, ки ба гирифтани даромад алоқаманд аст, гузаронида мешавад. Муоинаи хронометражӣ инчунин дар ҳолати аз тарафи мақомоти андоз пайдо шудани шубҳа оид ба дурустии баҳисобгирии муҳосиботӣ ва (ё) ҳисоботи андози андозсупоранда барои муайян (аниқ) намудани ҳаҷми даромад ва хароҷоти ӯ гузаронида мешавад.

5. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ андозсупоранда шахсан ва (ё) бо воситаи шахси ваколатдори худ мутобиқ ба муқаррароти моддаҳои 18 ва 20 Кодекси андоз бояд иштирок намояд.

6. Пеш аз оғози гузаронидани муоинаи хронометражӣ шахси мансабдори мақомоти андоз, ки муоинаи хронометражиро бояд гузаронад, вазифадор аст ба андозсупоранда шаҳодатномаи хизматии худ, инчунин амрномаи мақомоти андозро дар шакли аслӣ барои гузаронидани муоинаи хронометражӣ нишон дода, (нусхаи амрномаро супорад) дар амрномаи асли оид ба шинос шудан ва гирифтани нусхаи он аз ҷониби андозсупоранда ва (ё) шахси ваколатдор қайд ва имзо гузошта мешавад.

Иҷро накардани талаботи қонунии шахси мансабдори мақомоти андоз, ки бинобар гузаронидани муоинаи хронометражӣ бармеояд, ҷавобгарии маъмуриро ба миён меоварад ва андозсупорандаро аз иҷрои талаботҳои қонунии мазкур озод намекунад.

7. Дар сурати аз ҷониби андозсупоранда рад намудани гузаронидани муоинаи хронметражӣ, шахси мансабдори мақомоти андоз, ки муоинаи хронометражиро мегузаронад, санад дар бораи рад

кардани гузаронидани муоинаи хранометражиро дар шакли озод бо ҷалби шоҳидон (на камтар аз ду нафар) тартиб медиҳад. Дар санад оид ба рад кардани гузаронидани муоинаи хронаметражӣ чунин маълумотҳо зикр карда мешаванд:

- ҷой ва санаи тартибдиҳӣ;
- ному насаб, номи падари шахси мансабдори мақомоти андозе, ки санадро тартиб додаст;
- ному насаб, номи падар, суроғаи андозсупоранда ва суроғаи маҳалли истиқомати шоҳидони ҷалбшуда;
- рақам, санаи амрнома, номи андозсупоранда, Рақами мушаххаси андозсупоранда ва Рақами ягонаи мушаххаси он;
- ҳолатҳои рад кардани гузаронидани муоинаи хранометражӣ.

Рад гардидани гузаронидани муоинаи хранометражӣ аз ҷониби андозсупоранда, маънои ба назорати андоз роҳ надодани шахсони мансабдори мақомоти андозро дорад.

Шахсони мансабдорро ба чунин санҷиш-назорат роҳ надодани андозсупоранда боиси ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шахсони гунаҳкор тибқи муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

8. Агар дар ҷараёни санҷишҳои андоз зарурияти гузаронидани муоинаи хронометражӣ ба миён ояд, пас муоинаи хронометражӣ дар асоси амрнома барои гузаронидани санҷиши андоз додашуда анҷом дода мешавад.

## 2. Давра ва мӯҳлати гузаронидани муоинаи хронометражӣ

9.Давраи гузаронидани муоинаи хронометражӣ тибқи амрномаи роҳбари аввал (муовини роҳбар)-и мақомоти андоз на зиёда аз як маротиба дар як сол гузаронида мешавад.

10. Мӯҳлати гузаронидани муоинаи хронометражӣ тибқи амрномаи роҳбари аввал (муовини роҳбар)-и мақомоти андоз дар мӯҳлати то се рӯзи корӣ гузаронида мешавад.

11. Агар андозсупорандаи муоинашаванда фаъолияташро дар рӯзҳои истироҳат ва ид амалӣ намояд, муоинаи хронометражӣ метавонад дар рӯзҳои зикршуда гузаронида шавад. Муоинаи хронометражӣ метавонад мутобиқи низоми кории андозсупоранда новобаста аз вақти шабонарӯзӣ гузаронида шавад.

Инчунин корманди мақомоти андоз метаваонад, вобаста ба рӯзҳои фаъолияти андозсупоранда, рӯзҳои гузаронидани муоинаи хронометражиро интихоб намояд.

## 3. Намудҳои муоинаи хронометражӣ

12. Вобаста ба хусусиятҳои объекте, ки таҳти муоина қарор дода мешавад, дар амрномаи роҳбари аввал (муовини роҳбар) – и мақомоти андоз оид ба гузаронидани муоинаи хронометражӣ, намудҳои муоинаи хронометражӣ муайян карда мешавад. Аз он ҷумла:

а) баҳисобгирии пурраи маблағи пули нақдии ба хазина

воридшаванда дар давраи муоинашаванда ва муқоисаи он бо дигар рӯзҳо;

б) баҳисобгирӣ (инвентаризатсия)-и бақияи молу маҳсулот, амволи арзишнок, баҳисобгирии истеҳсол, харид, фурӯш ва муқоисаи ин нишондиҳандаҳо бо нишондиҳандаҳои ҳисоботӣ ва нишондиҳандаҳои фаъолияти шабеҳ;

в) баҳисобгирии майдони хизматрасонӣ ва арзиши хизматрасонӣ дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои ҳисоботӣ ва фаъолияти шабеҳ;

г) баҳисобгирии якрӯзаи шумораи шахсоне, ки ба онҳо хизматрасонӣ анҷом дода мешавад, маблағи даромад ва хароҷоти якрӯза дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои ҳисоботӣ;

д) дигар намудҳои баҳисобгирии манбаҳо, ки ба масъалаҳои андозбандӣ алоқаманд мебошанд.

13. Дар амрнома оид ба муоинаи хронометражӣ метавонад дар як вақт ҳамаи намудҳои муоинаи хронометражӣ муқаррар карда шаванд.

## 4. Объектҳое, ки зери муоинаи хронометражӣ қарор дода мешаванд

14. Таҳти муоинаи хронометражӣ объектҳои андозбандӣ ва объектҳои вобаста ба андозбандӣ, аз ҷумла даромадҳои воқеӣ ва (ё) хароҷотҳои воқеии марбут ба гирифтани даромад, инчунин дигар сарчашмаҳои даромади андозсупорандае қарор дода мешаванд, ки дар асоси амронмаи роҳбари аввал (муовини роҳбар)-и мақомоти андоз, новобаста аз ҷои гирифтани даромад, асоси гирифтани даромад, макон ва вақти гирифтани даромад, таъин карда мешавад.

## 5. Масъалаҳои зери муоинаи хронометражӣ қарор додашаванда

15. Дар ҷараёни гузаронидани муоинаи хронометражӣ мақомоти андоз объектҳои андозбандишаванда ва (ё) объектҳои ба андозбандӣ алоқамандро мустақилона муайян менамоянд.

Ҳамзамон, масъалаҳои зерин, бояд зери муоинаи хронометражӣ бо таври ҳатмӣ қарор дода шаванд:

а) объектҳои андозбандишаванда ва (ё) объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд;

б) мавҷудияти пули нақд, ҳуҷҷатҳои пулӣ, дафтарҳои муҳосибӣ, ҳисоботҳо (аз он ҷумла дар барандаҳои электронӣ), сметаҳо, коғазҳои қимматнок, ҳисобҳо, эъломияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ба объекти андозбандишаванда алоқаманд ва (ё) объекти марбут ба андозбандӣ.

в) ҳамагуна объектҳои андозбандишаванда ва (ё) объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд, ки барои гирифтани даромад истифода бурда мешавад;

г) ҳисобот аз мошинаи назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ оид ба маблағи даромади пули нақд;

д) шумораи коргарони кироя воқеан истифодашаванда;

е) дигар масъалаҳое, ки барои моҳиятан дуруст гузаронидани муоинаи хронометражӣ мусоидат менамоянд;

## 6. Барасмиятдарории натиҷаҳои муоинаи хронометражии якрӯза

16. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ шахси мансабдори мақомоти андоз, ки муоинаи хронометражиро мегузаронад, бояд пуррагӣ ва дақиқнокии маълумотҳои ба корти хронометражӣ – мушоҳидавӣ (замимаи №1 ба Тартиби мазкур) воридшавандаро таъмин намояд. Барои ҳар як объекти андозбандишаванда ва (ё) объекти ба андозбандӣ алоқаманд, инчунин барои ҳар кадом сарчашмаҳои гирифтани даромад корти алоҳидаи хронометражӣ-мушоҳидавӣ тартиб дода мешавад. Корт бояд маълумотҳои зеринро дар бар гирад:

а) номгӯи андозсупоранда, рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами ягонаи мушаххас ва намуди фаъолият;

б) санаи гузаронидани муоинаи хронометражӣ;

в) маҳалли ҷойгиршавии объекти муоинашаванда (андозбандишаванда);

г) вақти оғоз ва анҷоми муоинаи хронометражӣ;

д) номгӯи объектҳои муоинашаванда (андозбандишаванда) вобаста ба фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо;

е) маълумотҳо оид ба объекти муоинашаванда (андозбандишаванда);

ж) нишондодҳои мошинаи назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ дар оғоз ва анҷоми кор;

з) дигар маълумотҳои барои муоина мусоидаткунанда;

к) насаб, ном, номи падар ва имзои шахси мансабдори мақомоти андоз, ки муоинаи хронметражиро мегузаронад;

л) насаб, ном, номи падар ва имзои андозсупоранда (соҳибкори инфиродӣ) ё шахси ваколатдори он.

17. Аз натиҷаи ҳар як рӯзи муоинаи гузаронидашуда аз рӯи ҳамаи объектҳои андозбандишаванда ва (ё) объектҳои ба андозбандӣ алоқаманди муоинашаванда, инчунин дигар сарчашмаҳои гирифтани даромад, ҷадвали ҷамъбастӣ тартиб дода мешавад.

18. Корти хронометражӣ-мушоҳидашавӣ ва ҷадвали ҷамъбастӣ ба таври ҳатмӣ аз ҷониби шахси мансабдори мақомоти андоз ва андозсупоранда ва (ё) шахси ваколатдори он имзо карда шуда, ба санади муоинаи хронометражӣ замима карда мешавад.

19. Дар ҳолати зарурӣ ба корти хронометражӣ-мушоҳидавӣ нусхаи ҳуҷҷатҳо, ҳисоббаробаркуниҳо ва дигар маводҳои дар ҷараёни муоинаи хронометражӣ дастрасшаванда, ки маълумотҳои дар корти хронометражӣ-мушоҳидавӣ нишондодашударо тасдиқ менамоянд, замима карда мешаванд.

## 7. Натиҷаи муоинаи хронометражӣ

20. Аз натиҷаи муоинаи хронометражӣ дар асоси ҷадвалҳои ҷамъбастии ҳаррӯза аз рӯи ҳар як объекти муоинашаванда (андозбандишаванда) маълумотҳои миёна нисбати даромадҳои воқеии гирифташуда ва (ё) хароҷотҳои анҷомдодашуда барои давраи санҷидашуда, ҷамъбаст карда мешавад.

21. Дар асоси маълумотҳои миёнаи ошкоршуда дурустии аз ҷониби андозсупоранда то гузаронидани санҷиши андозӣ нишондодашудаи даромадҳо ва (ё) хароҷотҳои ба гирифтани даромад алоқаманд, маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшуда, инчунин дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет санҷида мешаванд.

22. Аз натиҷаи муоинаи хронометражӣ санади муоинаи хронометражӣ тибқи шакли (замимаи №2 ба Тартиби мазкур) овардашуда, бо нишон додани маълумотҳои зерин тартиб дода мешавад:

а) рақам ва санаи амрнома, ҷой (маҳалли) гузаронидани муоинаи хронометражӣ, санаи тартиб додани санад;

б) насаб, ном ва номи падари шахси мансабдори мақомоти андоз, ки муоинаи хронометражиро гузаронидааст;

в) маълумотҳо доир ба андозсупоранда;

- насаб, ном ва номи падар (соҳибкори инфиродӣ) ё ин, ки номи пурраи андозсупоранда (шахси ҳуқуқӣ);

- мавқеи ҷойгиршавӣ (суроғаи пурраи андозсупоранда: вилоят, шаҳр, ноҳия, деҳа, кӯча, рақами хона (ҳуҷра));

- намуди фаъолияти андозсупоранда;

- реквизитҳои бонкии андозсупоранда;

- рақами мушаххаси андозсупоранда;

- маълумот дар бораи бақайдгирӣ (азнавбақайдгири)-и давлатӣ (шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ва ё шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ) ва номи пурраи мақомоте, ки бақайдгирӣ (азнавбақайдгири)-и давлатии андозсупорандаро анҷом додааст;

- ному насаб (соҳибкори инфиродӣ) ва ному насаби роҳбар ё шахсони мансабдори андозсупоранда, ки барои пешбурди ҳисоботи муҳосибӣ ва пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ масъуланд.

г) маълумотҳо оиди санҷиши пешина доири муоинаи хронометражӣ ва чораҳои андешидашуда ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда.

д) давраи муоинашаванда ва маълумотҳои умумӣ доири сарчашмаҳои гирифтани даромад ва ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷониби андозсупоранда дар ҷараёни гузаронидани муоинаи хронометражӣ пешниҳод шудаанд, инчунин рӯйхати ҳуҷҷатҳои аз ҷониби андозсупоранда пешниҳоднашуда.

е) натиҷаи муоинаи хронометражӣ, ки дар он хулосаҳои шахси мансабдори мақомоти андози муоинаи хронометражиро гузаронида, зикр карда мешавад. Миқдори замимаҳо ба санади муоинаи хронометражии андоз нишон дода мешавад. Ҳамзамон, бояд корти хронометражӣ- мушоҳидавии рӯзҳои муоинашуда ва ҷадвали ҷамъбастӣ аз рӯи ҳамаи объектҳои андозбандишаванда ва (ё) объектҳои ба андозбандӣ алоқаманди муоинашаванда, инчунин дигар сарчашмаҳои гирифтани даромад замима карда шаванд, ки тибқи онҳо даромади андозсупоранда дар рӯзҳои муоинашуда дарҷ карда мешавад. Дар сурати мавҷуд будани мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ замима кардани чиптаҳои мошинаи номбурда

барои давраи муоинашуда низ зарур аст.

23. Натиҷаи муоинаи хронометражии андозсупоранда ҳангоми ҳисоб намудани маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет аз рӯи ҷамъбасти санҷиши ҳуҷҷатии маҷмӯӣ ва мавзӯӣ ба инобат гирифта мешавад.

24. Санади муоинаи хронометражӣ дар ду нусха тартиб дода шуда, аз ҷониби шахси мансабдори мақомоти андоз, ки муоинаи хронометражиро гузаронидааст, имзо гузошта шуда, дар мақомоти андоз дар китоби махсуси бақайдгирии санадҳои санҷиши андоз ба қайд гирифта мешавад. Як нусхаи санади муоинаи хронометражӣ ба андозсупоранда ва ё намояндаи ваколатдори ӯ супорида мешавад. Ҳангоми гирифтани санади муоинаи хронометражӣ андозсупорада ва ё намояндаи ваколатдори ӯ ӯҳдадор аст дар нусхаи дигари санад дар хусуси гирифтани он қайд кунад ва имзои худро гузорад.

25. Натиҷаҳои муоинаи хронометражии андозсупорандагон ҳангоми гузаронидани ҳисобҳои маблағҳои андозҳо аз рӯи натиҷаҳои санҷиши ҳуҷҷатӣ, инчунин барои таҳлили дурустии ҳисоботи пешниҳодшудаи андоз, бо назардошти мавсимӣ будани фаъолияти хоҷагидорӣ, ба назар гирифта мешаванд.

## 8.Шикояти андозсупорандагон аз болои натиҷаи муоинаи хронометражӣ

26. Андозсупорандагон ҳуқуқ доранд, ки аз натиҷаи муоинаи хронометражӣ шикоят пешниҳод кунанд. Андозсупорандае, ки санади муоинаи хронометражӣ, маблағи ҳисобшудаи андоз, қарорҳои мақоми андозро мавриди баҳсу баррасӣ қарор медиҳад, метавонад бо аризаи шикоятӣ оид ба аз нав дида баромадани қарорҳои дар боло зикргардида ба мақомоти зерин муроҷиат кунад;

а) мақомоти андозе, ки қарорро қабул кардааст;

б) мақомоти андози болоӣ (вилоятҳо, ш.Душанбе);

в) Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

г) мақомоти судӣ.

Пешниҳоди ариза (шикоятнома) ба ҳама гуна мақомоти андози дар боло зикргардида ҳуқуқи андозсупорандаро барои ҳамзамон ё минбаъд пешниҳод кардани шикоятномаи мушабеҳ ба мақоми андози болоӣ ё ба суд истисно намекунад.

Шикоят дар шакли хаттӣ пешниҳод карда мешавад.

## 9. Мӯҳлати пешниҳод кардан, баррасии шикоят дар мақомоти андоз ва оқибати пешниҳоди ариза (шикоят) нисбати ҳисобкунии маблағи андоз, ҷарима ва фоизҳо

27. Шикоят нисбат ба санади муоинаи хронометражӣ, ҳисоб намудани маблағҳои андоз, инчунин дигар қарорҳои мақоми андоз мутобиқи муқаррароти моддаи 81 Кодекси андоз, метавонад дар ҷараёни 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи аз ҷониби андозсупоранда гирифтани санади муоинаи хронометражӣ, огоҳнома оиди ҳисобкунии маблағи андоз, инчунин дигар қарор, ё қабул накардани қарор (нагирифтани қарор) аз рӯи моҳияти шикоят дар ҳамин мӯҳлат

пешниҳод карда шавад.

Дар сурати бо сабабҳои узрнок гузаронидани мӯҳлати пешниҳоди шикоят ин мӯҳлат дар доираи мӯҳлати даъво, ки Кодекси андоз муқаррар намудааст, бо аризаи шахсе, ки шикоят пешниҳод кардааст, метавонад аз ҷониби мақоми болоии андоз, Кумитаи андоз ё суд барқарор карда шавад.

Дар асоси натиҷаи баррасии шикояти андозсупоранда аз ҷониби мақомоти андоз, қарори дахлдор қабул карда мешавад ва аз қарори қабулгардида мақоми андоз дар шакли хаттӣ шахси ариза пешниҳодкардаро дар мӯҳлати на бештар аз 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи гирифта шудани шикоят, огоҳ менамояд.

28. Тибқи муқаррароти моддаи 82 Кодекси андоз то ба анҷомрасии баррасии ариза (шикоят), нисбати ҳисобкунии маблағи андоз, инчунин дигар қарорҳое, ки ба мақомоти андоз, ё ба суд мувофиқи моддаи 81 Кодекси андоз пешниҳод карда мешавад, танҳо он қисми ӯҳдадориҳои андоз бояд пардохта шаванд ё метавонад ситонида шавад, ки аз ҷониби андозсупоранда мавриди баҳс қарор дода нашудааст. Боздоштани пардохти тамоми маблағ ё қисми маблағи ӯҳдадориҳои андоз бо сабаби баррасии шикояти андозсупоранда андозсупорандаро аз пардохти фоизҳо барои сари вақт ба буҷет ирсол накардани андоз, аз ҷумла фоизҳое, ки дар давраи аз санаи пешниҳод кардани шикоят то қабули қарор дар асоси шикоятнома ҳисобкардашуда, озод намекунад.

Ҳамзамон, фоизҳо танҳо ба маблағи андозҳое ҳисоб карда мешаванд, ки тибқи натиҷаи баррасии шикоятнома бояд ба буҷет пардохта шаванд.

Агар тибқи натиҷаҳои баррасии шикоят нисбати амалҳои (беамалии) кормандони мақомоти андоз қарор дар бораи бекор кардани қарор ё санади муоинаи хронометражӣ мавриди шикоят қарордодашуда қабул карда шавад, он гоҳ шахси мансабдори мақомоти андозе, ки аз амалҳои ӯ шикоят шудааст, тибқи муқаррароти моддаи 91 Кодекси андоз ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

**Замимаи №1**

«Ба Тартиби гузаронидани
муоинаи хронометражӣ»

**Кортӣ хронометражӣ- мушоҳидавӣ**

1. Номгӯи андозсупоранда ___________________________________________
2. РМА ________________________РЯМ_________________________________
3. Маҳалли ҷойгиршави объекти
муоинашаванда (андозбандишаванда)___________________________________
_____________________________________________________________________
4. Намуди фаъолияти андозсупоранда__________________________________
5. Вақти оғоз____________________
5.1. Анҷоми муоинаи хронометражӣ __________________________________
6. Объекти муоинашаванда __________________________________________
_____________________________________________________________________
6.1. Рафти фуруши мол, иҷрои кор
ва хизматрасонӣ _____________________________________________________
_____________________________________________________________________
_____________________________________________________________________
7. Маълумотҳо оид ба объекти муоинашаванда-_______________________
_____________________________________________________________________
_____________________________________________________________________
_____________________________________________________________________
__________________________________________

8. Нишондодҳои МНХ дар оғози рӯз__________________________________
дар анҷоми рӯз _________________________________
9. Дигар маълумотҳо _______________________________________________
_____________________________________________________________________
_____________________________________________________________________
_____________________________________________________________________
__________________________________________

_________________________________________ _________________

**(Насаб, ном ва номи падари шахси мансабдори мақомоти андозе,**
**(имзо)**
**ки муоинаи хронометражиро мегузаронад)**

_________________________________________ _______________

**(Насаб, ном ва номи падари андозсупоранда (соҳибкори инфиродӣ) ё**
**(имзо)**
**шахси ваколатдори он ва шахси мутасадди андозсупоранда – шахси ҳуқуқии муоинашаванда)**

**Замимаи №2**
«Тартиби гузаронидани
муоинаи хронометражӣ

**Санади муоинаи хронометражӣ**

1. Рақам ва санаи амрнома ________________________________________
2. Маҳалли гузаронидаи муоинаи хронометражӣ____________________
____________________________________________________________________
3. Санаи тартиб додани санад _______________________________________
4. Насаб, ном ва номи падари шахси мансабдори мақомоти андоз_____________________________________________________________
____________________________________________________________________
5. Маълумотҳо доир ба андозсупоранда
5.1.Насаб, ном ва номи падар (соҳибкори инфиродӣ)
ё ин, ки номи пурраи андозсупоранда (шахси ҳуқуқӣ)______________
____________________________________________________________________
5.2. Мавқеъи ҷойгиршавӣ (суроғаи пурраи андозсупоранда, вилоят, шаҳр, ноҳия, деҳа, кӯча, рақами хона (ҳуҷра)) _____________________
____________________________________________________________________
5.3. Реквизити бонкии андозсупоранда ______________________________
____________________________________________________________________
5.4. РМА ________________________РЯМ_______________________
5.5. Маълумот дар бораи бақайдгирӣ ва номи пурраи мақомоте,ки бақайдгирӣ (азнавбақайдгии)-и давлатии андозсупорандаро анҷом додаст_____________________________________________________________
____________________________________________________________________
_______________________________________________
6. Маълумотҳо оиди санҷиши пештара доир ба муоинаи хронометражӣ ва чораҳои андешидашуда ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда______________________________________________________
____________________________________________________________________
______________________________________________________7. Давраи муоинашаванда ва маълумотҳои умумӣ доир ба сарчашмаҳои гирифтани даромад ва ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷониби андозсупоранда дар ҷараёни гузаронидани муоинаи хронометражӣ пешниҳод шудаанд_________________________________________________________
____________________________________________________________________
7.1. Рӯйхати ҳуҷҷатҳои аз ҷониби андозсупоранда пешниҳодшуда:
8. Натиҷаи муоинаи хронометражӣ_________________________________
____________________________________________________________________
____________________________________________________________________
_______________________________________________

_____________________________________ __________

**(Насаб, ном ва номи падари шахси мансабдори мақомоти андозе,**
**(имзо)**
**ки муоинаи хронометражиро мегузаронад)**

**( Насаб, ном ва номи падари андозсупоранда (соҳибкори инфиродӣ) ё**
**(имзо)**
**шахси ваколатдори он ва шахси мутасадди андозсупоранда – шахси ҳуқуқии муоинашаванда)**